# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод карда шудааст.**

*Аз «25» 01 соли 2024* *ш.Душанбе*

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар ҳайати: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Исайнов Ҳ.Р. – раиси комиссия; доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Аминов И. ва доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Мирсаидов С.А. – аъзоёни комиссия аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мутобиқи банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич хулосаи зеринро қабул намуд:

## 1.Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295), мувофиқат мекунад.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич, 10-уми июни соли 1994 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич соли 2017 шуъбаи рӯзонаи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси технология ва низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии худро аз моҳи августи соли 2017 аз ассистенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт оғоз намуда, сипас солҳои 2017-2018 ҳамчун мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, солҳои 2018-2021 муовини декан оид ба корҳои таълимӣ факултети асосҳои идоракунӣ дар соҳаи маорифи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, солҳои 2021-2023 декани факултети иқтисод ва идораи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар

ноҳияи Рашт, аз моҳи апрели соли 2023 то ноябри соли 2023 сардори раёсати таълими Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва аз соли 2020 то ҳол муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва менеҷменти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт фаъолият намуда истодааст.

Номбурда солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи назарияи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳсил кардааст.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ)-4 (хуб), таърих ва фалсафаи илм-4 (хуб) супоридааст. Имтиҳони номзадӣ (минимум) аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудиро бо баҳои 5 (аъло), аз 09.12.2022с, дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон супоридааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй Ҷонмамадов Шермамад Бегмамадович - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисоди ҷаҳони ДДМИТ.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 30-юми январи соли 2020 бо суратмаҷлиси №7/5.2 тасдиқ шудааст.

Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар кафедраҳои назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)», таҳти роҳбарии д.и.и., профессор Ҷонмамадов Ш.Б. иҷро ва 24-уми октябри соли 2023, суратҷаласаи №3 муҳокима гардидааст.

**2. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ**

Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ба ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳамияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳад гузошт.

**3. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд.**

Муқаррароти асосӣ ва хулосаи диссертатсия дар зиёда аз 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола (3-адад дар алоҳидагӣ) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда дарҷ гардидааст, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шуда, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, мувофиқат мекунад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

**4. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳои носаҳеҳ**

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

**5. Комиссия пешниҳод менамояд:**

1. Диссертатсияи Деҳқонов Соҳибназар Амирхоҷаевич дар мавзуи «Танзим ва дастгирии давлатӣ ҳамчун омили рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа (дар мисоли минтақаи Рашт)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03-Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шавад:

- Ҳошимзода Ҳомид Ҳасан - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, директори Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ш. Хуҷанд;

- Асоев Муфаррах Мазоридинович - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисодӣ миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ Исайнов Ҳ.Р.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Аминов И.

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шурои диссертатсионӣ Мирсаидов С.А.